# Марде Аз Аҳли Биҳишт

﴿ رجل من أهل الجنة ﴾

**[ Тоҷики – Tajiki – طاجيكية ]**

Абдуссатори Ҳомид

2009 - 1430

islamhouse.com

# ﴿ رجل من أهل الجنـة ﴾

« باللغة الطاجيكية »

عبد الستار حميد

2009 - 1430

islamhouse.com

Марде Аз Аҳли Биҳишт

Дар Ҳадисе ки имом Аҳмад ривоят карда аст, Анас ибни Молик мегуяд: Рузе назди Паёмбари Худо нишаста будем, он ҳазрат фармуд: "Акнун аз ин ноҳия марде аз аҳли биҳишт меояд". Ногаҳон марде аз ансор омад, ва у дар ҳоле буд ки обҳоеро ки аз асари таҳорат ба руяш монда буд пок мекард, ва попушиҳояшро ба дасти чап гирифта будбу зуд омад ва салом кард.

Фардой онруз дубора Паёмбар -дуову дуруд бар У бод- сухани дирузро такрор кард ва ногаҳон ҳамон  мард ба ҳамон ҳолати дируза боз омад. Рузи севум низ Паёмбар -дуову дуруд бар У бод- сухани рузи гузаштаро такрор кард ва боз ҳамон мард бо ҳамон ҳолати гузаштааш омад. Ҳангомеки Паёмбар -дуоау дуруд бар У бод- аз ҷояш бархест ва рафт, Абдуллоҳ ибни Амр ибни Ъос -разияллоҳу анҳу- аз пушти он мард рафт ва баъдан чунин гуфт: назди он мард рафтам ва гуфтам:ман бо падарам дучори ихтилоф шуда ва савганд хурдаам ки то се руз наздаш наравам, агар иҷозат бидиҳед ба хонай шумо биёям. Он мард иҷозат дод то се шабона руз дар хонаааш будам. Дар ин муддат ъамали хосе аз он мард надидам фақат у шабҳо вақтеки либосҳояшро мебаровард ва хобмекард зикри Худоро мекард

ва такбир мегуфт ва то фаро расидан намози субҳ мехобид.

Абдуллоҳ -разияллоҳу анҳу- мегуяд: аз он мард баҷуз шукр ва сипоси Худо чизе нашунидам, вақте хостам ба хонаам баргардам ба у гуфтам: Эй бандай Худо!Ман бо падарам ҳечгуна мушкиле надорам балки аз Паёмбари Худо шунидам ки се бор фармуд: "Акнун марде аз биҳишт аз фалон роҳ меояд" ва ҳар се бор ту аз он роҳ омади. Хостам чандрузе бо ту бошам то бибинам ки чи ъамале анҷом медиҳи ки биҳишти шудай,то ман низ онгуна ъамалро анҷом бидиҳам. Вале туро надидам ки ъамали зиёде анҷом диҳи, пас чи чиз сабаб шуд ки Паёмбари Худо дар ҳақи ту бигуяд ки ту биҳишти ҳасти? Он Мард гуфт:ман ъамали хосе анҷом намедиҳам ки сабаби биҳишти шуданам шуда бошад. Танҳо медонам ки кина ва буғзи ҳеч мусалмонеро дар дил надорам ва нисбат ба хайреки Худованд ба касе ъато карда, ҳасад наме варзам. Абдуллоҳ гуфт: пас ҳамин аст он чизеки туро ба ин мақом расонида ва ҳар кас тавони ин кори туро надорад.

Манзури Абдуллоҳ ибни Амр ин буд ки агар чи зоҳиран ин кори осон ба назар мерасад вале бисёри мардум ба ин бало (буғзу кинагири) гирифтор ҳастанд.

Хонандагони гироми!  Роҳҳой ба даст овардани ризой Худованди мутаъол хеле зиёд аст, агар касе хоҳони он бошад, Асҳоби Паёмбари Худо онқадар кушиш ба харҷ доданд то инки Худованди мутаъол дар чандин ҷой аз Қурони карим ризогии худро аз онҳо эълон кард, вале ин ризогии Худованд устувор мондан дар роҳи Худоро мехоҳад, чун ки дар ин замон хеле кам ҳастанд касонеки дар роҳи Худо устувор монда бошанд.

Рузе Ҳазрати Абубакр -разияллоҳу анҳу- ба Паёмбар -дуоау дуруд бар У бод- мушфиқона гуфт: Эй Расули Худо риши шумоҳам сафед шуд…(чун чанд торе аз риши муборакаш сафед шуда буд) Паёмбар -дуову дуруд бар У бод- дар ҷавобаш гуфт: "Бале Эй Абубакр манро сурай (Ҳуд) ришамро сафед кард".

Шахсе Расули Худоро дар хоб дид, ва аз эшон савол кард: Эй Расули Худо!Оё шуморо достонҳой(қисаҳо)Паёмбаронеки дар сурай (Ҳуд) омада риш сафед кард? Он Ҳазрат фармуданд: не! Манро фақат як оятеки гуфта аст:

قَالَ تَعَالَىٰ: ﴿ فَٱسۡتَقِمۡ كَمَآ أُمِرۡتَ وَمَن تَابَ مَعَكَ وَلَا تَطۡغَوۡاْۚ إِنَّهُۥ بِمَا تَعۡمَلُونَ بَصِيرٞ ١١٢ ﴾ هود: ١١٢

"Пас устувор бош чунончи фармуда шуда туро ва ононеки тавба кардаанд ҳамроҳи ту низ, ва аз ҳад магузаред ҳар оина вай ба ончи мекунед биност" сураи Ҳуд 112

Умедворам Парвардигори Олам ҳамай мусалмонон ва ба хусус шумо хонандагони гиромиро истиқомат дар дини исломро насиб кунад.